*"Комсомоли Тоҷикистон”*
**№ 3 (5402),**
***7 январи соли 1972, саҳ. 3.***

# ПАРВОЗ

Ҳар як мева, одатан, ду хел мешавад: хасак ва пайвандӣ. Дар бораи афзалияти меваи пайвандӣ хоҷати сухан нест. Барои он ки меваи дарахт хасак неву пайвандӣ бошад, боғбон онро бо дарахти дигаре пайванд карда, падарона ғамхорӣ менамояд, то он навдаи пайвандӣ беосеб парвариш ёбаду ба камол расад ва бори дилхоҳ орад.

Ин ҳолат дар адабиёт низ ҷорист. Фарзанди фозили замон агар хоҳад, ки муосиру пасояндагони худро аз шеъри ҳақиқии бадеӣ шодоб гардонад, онро бояд дар натиҷаи пайванди имрузу дируз ба даст оварда бошад, он чизеро, ки бузургони олами адаби муосир эҷод кардаанд, бо дурдонаҳои аҷдодон васл карда, чизи наве офарида бошад. Дар сояи аҷдодон будану садои чархи замонро нашунидан ва ё набзи замонро ҳассосона ҳис кардану ба пойдевори аҷдодон такя накардан ҳаргиз нишони камолот набудааст.

Ин маъниро бисьёр шоирони ҷавони муосири тоҷик, аз ҷумла Бозор Собир дуруст мефаҳманд. Ба фикри мо, нахустин маҷмуаи шеърҳои ин ҷавони умедбахш «Пайванд» (“Ирфон”, 1971, 68 саҳифа) гувоҳ шуда метавонад. Суханварони ҷавони боистеъдод осори гаронбаҳои бузургони гузаштаро муттасил омухта, дар асрори маҳорати онон суботкорона машқ мекунанд, вале дар доираи он маҳдуд нашуда, ҷустуҷу менамоянд ва бозёфтҳои собиқаро бо эҷодҳои муосир пайванд сохта, дар суроғи тарҳи шеъри фардо мебошанд.

Дар лирика, пеш аз ҳама, он чизе, ки диққатро ҷалб мекунад ва қимати муайяни тарбиявӣ пайдо менамояд, ин шахсияти қаҳрамони лирикист. Ҳоло адибони ҷавони мо дар ин масъала анъанаҳои саромадони адабиёти тоҷик, устодон Айнӣ ва Лоҳутиро на танҳо

давом, балки инкишоф ҳам дода истодаанд. Дар ашъори шоирони ҷавон қаҳрамони лирикӣ-образи ҷомеи одами замон аст, он ҳассосу соҳибдил, фидокору ватанпарвар, хоксору донишманд, дорои завқи латиф, хулоса, як фарди шоистаи ҷомеаи олимақоми советӣ мебошад.

Он шахсе, ки дар шеърҳои Бозор Собир бо ӯ шинос мешавем, ҷавони фурутан, зодаи куҳистони тоҷик, сипосгузори аҷдодони гузашта, дар ҳифзи боигарии маънавии халқи азизаш садоқатманд, ошиқи содиқи ҳаёти осоишта, ишқу ҷавонӣ, шеъру зебоӣ мебошад. Шоир бо муҳаббати самимона ва ҳарорати ҷавонӣ кӣ будани худро ва чӣ моҳият доштани олами ботини қаҳрамонони лирикиашро нишон медиҳад, ки инро аз «Меҳр», «Симои ман», «Орзу», «Зиндаанд бо ман шаҳидон» ва дигар шеърҳои ӯ хондан мумкин аст.

Қаҳрамони лирикии шоир ифтихори саршор аз Ватани сотсиалистии худ дорад, ҳар як ваҷаби Ватан, ҳар як резасанги зодгоҳи худро чун рамзи ватанхоҳӣ азизу муқаддас медорад.

Ин маъниро шоир дар бисёр шеърҳои худ на танҳо гаштаю баргашта таъкид мекунад, балки онро бо як қатор таъбироти бадеию образҳои шеърӣ, аз қабили «кӯдаки санг», «нохудои руди кӯҳистон», сангҳои сарди хоболуд», «кулбаи сангин», «сангҳои синамоли сарди дарёбод», «санг мебандад суруди тозаам», «сари санг», «фарқи кӯҳсор», «души кӯҳҳо» ва амсоли инҳо пурқувват менамояд.

Адабиёти бадеиро ойинаи ҳаёти халк,таҷассумкунандаи ҷавҳари миллат меноманд. Дар асарҳои бадеии нависандагони ин ё он халқ на танҳо ҳаёти иҷтимоии он халқ, олами ботинӣ, хусусиятҳои хоси миллии он таҷассум меёбанд, балки дар адабиёт чигунагии макони он халқ табиати кишвар низ нақши худро меёбад. Шоирони тоҷик саҳроҳои ҳосилхез, чашмаву рудҳои нукрафом, кӯҳҳои пурганҷи осмонбусро беинтиҳо васф кардаанд, ин мавзуъҳо адонашаванда мебошанд. Аз шеърҳои Бозор Собир низ самимияти поки фарзандона дар таҷассуми мавзуъҳо эҳтирос карда мешавад.

Барои тасдиқи фикр, чунончи, шеъри “Ҷавоб” мисол шуда метавонад:

Меҳмони кӯҳро нодидае<br>
Тоҷикистон омаду гуфто: чаро<br>
Бо шукӯҳу сарбаланданд ин қадар<br>
Кӯҳҳои Тоҷикистони шумо?<br>
Соибо, гуфтам, намедонӣ магар?<br>
Ин шукӯҳи аҷдодони мост,<br>
Дасти устоди табиат як замон<br>
Дар намуди кӯҳсораш карда рост.

Аммо ба эътибори тамоили бештар ба атрибутҳои «санг» ва «кӯҳ» баъзе образҳои шеърии шоири ҷавон ранги абстрактӣ мегиранд, чунончи:

Ҷустучуят мекунам, эй шеъри нав,<br>
Аз ҳавои санги вақту шишаи тақдирҳо,<br>
Аз шикастанҳову аз таъмирҳо…

Як хусусияти муҳимми эчодиёти аксари шоирони ҷавони муосир дар конкретияти мавзуъ ва предмети тасвир, дар мавҷудияти образҳои бикри шеърӣ мебошад, ки ба шарофати онҳо шавқу рағбат ба шеър меафзояд, он дар хотирҳо дер боқӣ мемонад. Ин нишонаҳо дар маҷмуаи «Пайванд»-и Бозор Собир ҳам дида мешаванд. Аз ҷумла, порчаҳои зерин ҳусну таровати маҷмуаро афзудаанд ва аз қудрати қалами шоири ҷавон гувоҳӣ медиҳанд:

*Каҳкашон гирди ман намегардад,*<br>
*Дар раҳи он на каҳкашонам ман.*<br>
*Руй бар паҳнаи Замин дорам,*<br>
*Гарчи дар фикри осмонам ман.*

**(«Меҳр»).**

Ё худ:

*Абр мегардад ба фарқи кӯҳсор*
*Гаҳ ҷамъу гаҳ парешон*
*Чун хаёли мусафедон...*

**(«Тирамоҳ»).**

Мисоли дигар:

*Ин роҳи хунчакидаро гум мекунад замон,*
*Гум мекунад ҷаҳон,*
*Аз косаи шикастаи чашмони ҳар шаҳид*
*Гул медамад баҳор.*

**(«Парвози рузгор»).**

Дар эҷодиёти Бозор Собир низ ҳамчунон ки тақрибан барои ҳамаи адибон дар давраи ҷавониву айёми ҷустуҷу хос мебошад, баъзе мисраъву байтҳои шаклан норавон ва мазмунан нопухта, баъзе порчаҳои мавҳум ва гоҳе шеърҳои суст ҳам ба назар мерасанд, ки минбаъд ислоҳ кардани онҳо душвории казоие надоранд. Аммо ҷоиз аст, диққати шоирро ба ду масъалаи дигари муҳимтар ҷалб намоем. Агар шоир ба оҳанги яъсу ноумедӣ, ки дар чанд шеъри ӯ ҳис карда мешавад, эътибори ҷиддӣ диҳад, руҳи қаҳрамони лирикии худро аз гарду ғубори афтодагӣ комилан пок дорад, қимати тарбиявӣ-ғоявии асарҳои ӯ бешубҳа, зиёд шуд. Масъалаи дигар ба хусусиятҳои шеърият оид мебошад, ки мутаассифона, дар ин ҷода аксари шоирони ҷавон ба равияи тозаи шеърсароӣ меланганд. Дар эҷодиёти хеле каламқашони соҳибистеъдод, аз ҷумла Бозор Собир низ санъатҳои бадеӣ, салосату латофати сумавзунию хушоҳангӣ аз ҳадди эътидол камтар риоя карда мешаванд. Ба хотири маонии бикр ва ташбеҳоти тоза дигар

масъалаҳои шеъриятро сарфи назар кардан, ба фикри мо, шоиста нест, зеро мазмуни конкретии ҳаётӣ, образҳои шеърии ибратбахш агар равону мавзун, салису латиф адо ёбанд, чунон, ки мегуянд, нур болои нур хоҳад шуд.

Бозор Собир азми олиҳимматона дорад:

*Нигоҳи пурсафоям боз аз шодӣ,*
*Ба рӯи теғаҳо оҳиста мелағжад,*
*Канори чашмаҳо оҳиста мерақсад.*
*Ман аз нав мекашам хуршедро дар қуллаҳо оғӯш,*
*Худамро мешиносонам ба ҳар як қуллаи хомӯш.*
*Дигар сар медиҳам овоз дар кӯҳсор,*
*Тамоми сангҳоро мекунам бедор.*

Мо ба шоир роҳи сафед, барору баландпарвозиҳо орзу мекунем.

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ,**
***номзади илмҳои филологӣ.***

«Комсомоли Тоҷикистон»
№ 3 (5402)
7 январи соли 1972
саҳ. 3

# ПАРВОЗ

Ҳар як мева, одатан, ду хел мешавад: хасак ва пайвандӣ. Дар бораи афзалияти меваи пайвандӣ ҳоҷати сухан нест. Барои он ки меваи дарахт хасак неву пайвандӣ бошад, боғбон онро бо дарахти дигаре пайванд карда, падарона ғамхорӣ менамояд, то он навдаи пайвандӣ беосеб парвариш ёбаду ба камол расад ва бори дилхоҳ орад.

Ин ҳолат дар адабиёт низ ҷорист. Фарзанди фозили замон агар хоҳад, ки муосиру пасояндагони худро аз шеъри ҳақиқии бадеӣ шодоб гардонад, онро бояд дар натиҷаи пайванди имрӯзу дирӯз ба даст оварда бошад, он чизеро, ки бузургони олами адаби муосир эҷод кардаанд, бо дурдонаҳои аҷдодон васл карда, чизи наве офарида бошад. Дар сояи аҷдодон будану садои чархи замонро нашунидан ва ё набзи замонро ҳассосона ҳис кардану ба пойдевори аҷдодон такья накардан ҳаргиз нишони камолот набудааст.

Ин маънипро бисьёр шоирони ҷавони муосири тоҷик, аз ҷумла Бозор Собир дуруст мефаҳманд. Ба фикри мо, нахустин маҷмӯаи шеърҳои ин ҷавони умедбахш «Пайванд» («Ирфон», 1971, 68 саҳифа) гувоҳ шуда метавонад. Суханварони ҷавони бонстеъдод осори гаронбаҳои бузургони гузаштаро муттасил омӯхта, дар асрори маҳорати онон суботкорона машқ мекунанд, вале дар доираи он маҳдуд нашуда, ҷустуҷӯ менамоянд ва бозьёфтҳои собиқаро бо эҷодҳои муосир пайванд сохта, дар суроғи тарҳи шеъри фардо мебошанд.

Дар лирика, пеш аз ҳама, он чизе, ки диққатро ҷалб мекунад ва қимати муайяни тарбиявӣ пайдо менамояд, ин шахсияти қаҳрамони лирикист. Ҳоло адибони ҷавони мо дар ин масъала анъанаҳои саромадони адабиёти тоҷик, устодон Айнӣ ва Лоҳутиро на танҳо давом, балки инкишоф ҳам дода истодаанд. Дар ашъори шоирони ҷавон қаҳрамони лирикӣ-образи ҷомеи одами замон аст, он ҳассосу соҳибдил, фидокору ватанпарвар, хоксору донишманд, дорои завқи латиф, хулоса, як фарди шоистаи ҷомеаи олимақоми советӣ мебошад.

Он шахсе, ки дар шеърҳои Бозор Собир бо ӯ шинос мешавем, ҷавони фурӯтан, зодаи кӯҳистони тоҷик, сипосгузори аҷдодони гузашта, дар ҳифзи боигарии маънавии халқи азизаш садоқатманд, ошиқи содиқи ҳаёти осоишта, ишқу ҷавонӣ, шеъру зебоӣ мебошад. Шоир бо муҳаббати самимона ва ҳарорати ҷавонӣ кӣ будани худро ва чӣ моҳият доштани олами ботинии қаҳрамонони лирикиашро нишон медиҳад, ки инро аз «Меҳр», «Симои ман», «Орзу», «Зиндаанд бо ман шаҳидон» ва дигар шеърҳои ӯ хондан мумкин аст.

Қаҳрамони лирикии шоир ифтихори саршор аз Ватани социалистии худ дорад, ҳар як ваҷаби Ватан, ҳар як ресасанги зодгоҳи худро чун рамзи ватанҳоӣ азизу муқаддас медорад. Ин маъниро шоир дар бисьёр шеърҳои худ на танҳо гапатаю баргашта таъкид мекунад, балки онро бо як қатор таъбироти бадеию образҳои шеърӣ, аз қабили «кӯдаки санг», «нохудои рӯди кӯҳистон», «сангҳои сарди хоболуд», «кулбаи сангин», «сангҳои синамоли сарди дарьёбод», «санг мебандад сурудн тозаам», «сари санг», «фарқи кӯҳсор», «дӯши кӯҳҳо» ва амсоли инҳо пурқувват менамояд.

Адабиёти бадеиро оинаи ҳаёти халқ, таҷассумкунандаи ҷавҳари миллат меноманд. Дар асарҳои бадеии нависандагони ин ё он халқ на танҳо ҳаёти иҷтимоии он халқ, олами ботинӣ, хусусиятҳои хоси миллии он таҷассум меёбанд, балки дар адабиёт чигунагии макони он халқ, табиати кишвар низ нақши худро меёбад. Шоирони тоҷик саҳроҳои ҳосилхез, чашмаву рӯдҳои нуқрафом, кӯҳҳои пурғанчи осмонбӯсро беинтиҳо васф кардаанд, ин мавзӯъҳо адонашаванда мебошанд. Аз шеърҳои Бозор Собир низ самимияти поки фарзандона дар таҷассуми ин мавзӯъҳо эҳтирос карда мешавад.

Барои тасдиқи фикр, чунончӣ, шеъри «Ҷавоб» мисол шуда метавонад:

**Меҳмони кӯҳро нодидае**
**Тоҷикистон омаду гуфто: чаро**
**Бо шукӯҳу сарбаланданд ин қадар**
**Кӯҳҳои Тоҷикистони шумо?**
**Сонбо, гуфтам, намедонӣ магар?**
**Ин шукӯҳи аҷдодони мост,**
**Дасти устоди табиат як замон**
**Дар намуди кӯҳсораш карда рост.**

Аммо ба эътибори тамоили бештар ба атрибутҳои «санг» ва «кӯҳ» баъзе образҳои шеърии шоири ҷавон ранги абстрактӣ мегиранд, чунончи:

**Ҷустуҷӯят мекунам, эй шеъри нав,**
**Аз ҳавон санги вақту шишаи**
**тақдирҳо,**
**Аз шикастанҳову аз таъмирҳо...**

Як хусусияти муҳимми эҷодиёти аксари шоирони ҷавони муосир дар конкретияти мавзӯъ ва предмети тасвир, дар мавҷудияти образҳои бикри шеърӣ мебошад, ки ба шарофати онҳо шавқу рағбат ба шеър меафзояд, он дар хотирҳо дер боқӣ мемонад. Ин нишонаҳо дар маҷмӯаи «Пайванд»-и Бозор Собир ҳам дида мешаванд. Аз ҷумла, порчаҳои зерин ҳусну таровати маҷмӯаро афзудаанд ва аз қудрати қалами шоири ҷавон гувоҳӣ медиҳанд:

**Қаҳкашон гирди ман намегардад,**
**Дар раҳи он на қаҳкашонам ман.**
**Рӯй бар паҳнаи Замин дорам,**
**Гарчи дар фикри осмонам ман.**
(«Меҳр»).

Ё худ:

**Абр мегардад ба фарқи кӯҳсор**
**Гоҳ ҷамъу гаҳ парешон**
**Чун хаёли мӯсафедон...**
(«Тирамоҳ»).

Мисоли дигар:

**Ин роҳи хунчакиндаро гум мекунад**
**замон,**
**Гум мекунад ҷаҳон,**
**Аз косаи шикастаи чашмони ҳар**
**шаҳид**
**Гул медамад баҳор.**

(«Парвози рӯзгор»).

„Парвоз“

# КИТОБ ВА ХОНАНДА

Дар эҷодиёти Бозор Собир низ ҳамчунон ки тақрибан барои ҳамаи адибон дар давраи ҷавониву айёми ҷустуҷӯ хос мебошад, баъзе мисраъву байтҳои шаклан норавон ва мазмунан нопухта, баъзе порчаҳои мавҳум ва гоҳе шеърҳои суст ҳам ба назар мерасанд, ки минбаъд ислоҳ кардани онҳо душвории калоне надоранд. Аммо ҷоиз аст, ки диққати шоирро ба ду масъалаи дигари муҳимтар ҷалб намоем. Агар шоир ба оҳанги яъсу ноумедӣ, ки дар чанд шеъри ӯ ҳис карда мешавад, эътибори ҷиддӣ диҳад, рӯҳи қаҳрамони лирикии худро аз гарду ғубори афтодагӣ комилан пок дорад, қимати тарбиявӣ-ғоявии асарҳои ӯ бешубҳа, зиёд хоҳад шуд. Масъалаи дигар ба хусусиятҳои шеърият оид мебошад, ки мутаассифона, дар ин ҷода аксари шоирони ҷавон ба равияи тозаи шеърсароӣ мелангаанд. Дар эҷодиёти хеле қаламкашони соҳибистеъдод, аз ҷумла Бозор Собир низ санъатҳои бадеӣ, салосату латофати сухан, мавзуниву хушоҳангӣ аз ҳадди эътидол камтар риоя карда мешаванд. Ба хотири маонии бикр ва ташбеҳоти тоза дигар масъалаҳои шеъриятро сарфи назар кардан, ба фикри мо, шоиста нест, зеро мазмуни конкретии ҳаёти, образҳои шеъри ибратбахш агар равону мавзун, салису латиф адо ёбанд, чунон, ки мегӯянд, нур болои нур хоҳад шуд.

Бозор Собир азми олиҳимматона дорад:

**Нигоҳи пурсафоям боз аз шодӣ,**
**Ба рӯи теғаҳо оҳиста мелағжад,**
**Канори чашмаҳо оҳиста мераксад.**
**Маи аз нав мекашам хуршедро дар**
**куллаҳо оғӯш,**
**Худамро мешиносам ба ҳар як**
**куллаи хомӯш.**
**Дигар сар медиҳам овоз дар кӯҳсор,**
**Тамоми сангҳоро мекунам бедор.**

Мо ба шоир роҳи сафед, барору баландпарвозиҳо орзу мекунем.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ.**